«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор: ________ Қурбонзода М.Р.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

Садбарги Исо бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 18.02.2021 таҳти №60-фа унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Садбарги Исо дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.01.2021, №6 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Алимов Давлаталӣ Халилович таъйин гардидааст.

Садбарги Исо имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб) аз 17.06.2021, таърих ва фалсафаи илм 5 (аъло) аз 29.06.2022 ва имтиҳони номзадӣ аз рӯйи ихтисоси (07.00.02. – таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) – Таърихи халқи тоҷик 5 (аъло) аз 24.10.2024 супоридааст.

Садбарги Исо соли 2014 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ (бакалавр) бо дипломи аъло ва соли 2019 магистри илмҳои таърих бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович буда, ба ҳайси мудири кафедраи таърихи умумии МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» фаъолият менамояд.

Дар муҳокимаи рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав», инчунин ба таври маҷозӣ Набизода Ваҳҳоб Машраф, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Шарипов Шавкат, номади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иштирок намуданд. Аз ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» аз 20 феврали соли 2025 протоколи № 8 хулосаи зерин баровард шуд:

**Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ**.

Диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**.

Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ иҷро гардида, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва натиҷагирӣ гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок шуда, диссертатсия таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқоти анҷом додашуда**.

Рисолаи мазкури диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни маъракаи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорами вилояти Кӯлоб дар солҳои шуравӣ анҷом дода шудааст. Дар таърихнигории Тоҷикистон ин мавзуъ қисман ва дар бобҳои алоҳида ҳангоми инъикоси масъалаи муҳоҷиркунонӣ дар кишвар баррасӣ шудааст: аз ҷумла дар асарҳои бунёдӣ, маҷмуаҳо асарҳои инфиродӣ ва мақолаҳои илмӣ.

Ба масъалаи таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон бениҳоят кам таҳқиқотҳои таърихнигорон ва иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ бахшида шудааст. Ба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон, хусусиятҳои амалӣ намудани маъракаи муҳоҷират асарҳои чунин сиёсатмадорон ва муҳаққиқон, ба монанди Р.А. Абулҳаев, Х.М. Саидмуродов, Ф.Абдурашитов, М. Ҳамроев, Т.М. Муҳамедов, С.З. Мирошниченко, А. Ахмедов, С.И. Ҷураев, Қурбонова Ҳ.Ҷ., Бозоров Қ.Ҷ. ва дигарон бахшида шудаанд.

Дар таҳқиқоти М. Ҳамроев бо номи «Фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ дар роҳи тараққӣ додани ирригатсияи Тоҷикистон (солҳои 1924-1938)» ҷолиб буда, ёдоварии он ба мавқеъ мебошад, ки дар ин рисолаи илмӣ масъалаҳои муҳоҷират, обёрии заминҳои навкорам ва сохтани иншоотҳои ирригатсионии Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он фаъолияти серсоҳаи ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳурӣ умуман дар сохтмони хоҷагии об ва хоҷагии қишлоқ дар давраи муайян таҳқиқ карда шудааст. Вилояти Кӯлоб, дар асари М. Ҳамроев, дар шароити умумии ҷумҳурӣ ба назар гирифта шудааст. Хусусиятҳои минтақа аз рӯи масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода намешаванд.

Дар як қатор таҳқиқотҳои донишмандон ва муҳаққиқони гуногуни тоҷик дар солҳои мухталиф ва хусусан солҳои сиюм диққати асосӣ ба масъалаҳои муҳоҷират, азхудкунии заминҳои навкорам ва амсоли инҳо дар навишта ва мақолаҳои хеш манотиқи мухталифи кишварро ба риштаи баррасӣ ва таҳқиқ кашидаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки ин навиштаҳо бештар хислати фаннӣ ва иқтисодӣ доранд. Ин корҳоро метавон ба таҳқиқотҳое, ки солҳои 1924 – 1960 дар заминаи кӯчондани аҳолӣ ва таъсиси иншоотҳои обёрӣ ва ё ирригатсионӣ дар аҳди Шуравӣ роҷеъ ба Осиёи Миёна анҷом дода шуда буданд мутааллиқ донистан лозим аст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои Т.М. Муҳамедов, С.З. Мирошниченко, А. Ахмедов, С.И. Ҷураевро махсусан қайд намуд.

Дар як қатор таҳқиқотҳо масъалаҳои муҳоҷират, азхудкунии заминҳои навкорам дар ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар ин самт асарҳои Абулҳаев Р.А. “Рушди ирригатсия ва азхудкунии заминҳои навкорам (солҳои 1946-1960)” (Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане (1946-1960 гг.)), Абдурашитов Ф.М. “Таҷрибаи таърихии сиёсати муҳоҷиркунонӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)” (Исторический опыт переселенческой политики в Таджикистане (1924–1990гг.) мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар ҷумҳурӣ як қатор корҳо рӯи чоп омаданд, ки дар онҳо вазъияти таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби дар давраи ҷанг ва давраи пас аз ҷангӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар ин таҳқиқотҳо нишон дода шудааст, ки ба вазъияти мураккаби иқтисодӣ нигоҳ накарда, муҳоҷирати аҳолӣ идома ёфт.

Дар як қатор таҳқиқотҳо ба таври дақиқ раванди таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар яке аз вилоятҳои кишвар дар давраи пеш аз ҷангӣ баён гардидаанд. Дар ин самт метавон корҳои таҳқиқотии Бельков Н., Филатов С., Моисеев Ф., Ҳамроев М., Рикунов М.В., Тромбачев С.П. ва дигаронро махсусан қайд намуд.

Баррасии мухтасари сарчашмаҳои дар кори диссертатсионӣ истифодашуда итминон медиҳад, ки дар ин мавзуъ дар кишвар сарчашмаҳои арзишманд ҷамъ шудаанд, ки ба мо имкон доданд, ки ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотро ҳал кунем. Дар ин кор мо ба доираи васеъ ва гуногуни манбаъҳо такя мекардем, ки аз рӯи аҳамият ба андозае таҳлил карда шуданд, баъзеи онҳо (асосан маводи бойгонӣ) бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд.

Тадқиқоти мазкур аввалин кӯшиши таҳлили ҳамаҷонибаи раванди омӯзиши таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон буда, на танҳо бо мақсади муайян намудани дараҷаи омӯзиши он аз ҷиҳати таърхӣ, балки ба хотири таъйини аҳаммияти маводи таърихи дар инъикоси масъалаҳои давраи шуравии таърихи халқи тоҷик равона шудааст. Ин муносибат барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар минтақаҳои Тоҷикистон дар оянда мусоидат мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва аҳамияти амалии мавзӯи баррасишавандаро ба назар гирифта, муаллиф кӯшиш кард, ки проблемаро муфассалтар нишон диҳад.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти мазкур аз таҳқиқ ва таҳлили таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), аз ҷамъбасти далелҳо оид ба муҳоҷиркунонии ҷумҳурӣ дар ин давра иборатанд.

Дар асоси мақсади гузошташуда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ **вазифаҳои зерин** ҳал карда шуданд:

- таҳлили масоили марбут ба муҳоҷират дар дохили вилоят ва мушаххас намудани масъалаи обёрии заминҳои боири вилоят ва хусусиятҳои муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои ин минтақа:

- мушаххас намудани иллату омилҳои муҳоҷират дар дохили вилоят,

шодоб намудани заминҳои боир ва дар ин замина баррасии вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоят дар байни солҳои 1924 ва 19991;

- таҳлил ва аниқ кардани аҳамияти муҳоҷирати дохиливилоятӣ ва умуман муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ дар вилояти Кӯлоб;

- нишон додани ҳаракати муҳоҷират дар дохили вилоят ва шодоб намудани заминҳои боир;

- таъсири ин равандҳо ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мамлакат;

-роҳандозии воҳидҳои нави кишоварзӣ дар минтақа ва ҷалби аҳолии муҳоҷиршуда ба корҳои кишварзӣ дар воҳидҳо ва хоҷагиҳои навтаъсиси кишоварзӣ дар минтақа;

- дарҷу муанакиси раванди дигаргуниҳо дар вилоят ва фатҳи заминҳои нави боир;

- шарҳу тавзеҳи масоили такмили ихтисоси мутахассисини ба ин минтақа барои кор ҷалб карда шуда;

- пас аз анҷоми тадқиқот пешниҳод ва ироаи як қатор тавсияҳо бобати касби таҷрибаи пешқадам ва дар сурати ниёз татбиқи он дар маконҳои дигари мамлакат.

**Объекти таҳқиқот** таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) ва ошкор намудани асосҳо, заминаҳои ташаккул ва раванди ҷараёни муҳоҷират, инчунин азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоб ба ҳисоб меравад.

**Нововарии илмии рисола.** Ба унсурҳои навгонии илмӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассум гардида ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, ҷанбаҳои зерин дохил мешаванд:

- мавзуи диссертатсия, амалан нахустин кори илмии махсус, дар таърихнигории ватанӣ бахшида ба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии

заминҳои навкорам дар минтақаҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад;

– марҳалаҳои асосии тадқиқот оиди таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991;

– таърих ва самтҳои асосии таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон, дар солҳои шуравӣ;

- дар тадқиқот маълумоти сарчашмаҳои нодир доир ба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон истифода шудаанд;

– комёбиҳои назарраси таҳқиқоти таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон;

– лаҳзаҳои норавшан ва камтаҳқиқшудаи таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон мукаммалтар таҳқиқ шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи мавзуи мазкур пешниҳод шудаанд;

- дар рисола дар пояи ақидаҳо ва андешаҳои консептуалии муҳаққиқони маъруф саҳми муҳоҷиркунонӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди иқтисодиӣ Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқотро** маводҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – хазинаҳои 2, 3, 17, 20, 229, 288, 297, 1566, Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон – хазинаҳои 1,3, 187, 4414, ва Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб хазинаҳои 27, 124, 226, 229, Бойгонии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон хазинаи 27 ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳукуматии

давлати шуравӣ оид ба таърихи муҳоҷират дар кишвар, маълумоти оморӣ, аз ҷумла “Народное хозяйство Таджикской ССР”, “Статистический ежегодник Республики Таджикистан” ва ғайра истифода карда шуд. Ғайр аз он маводҳои ҳисоботии бойгониҳои идораҳои муҳоҷират, маводҳои конференсияҳо, симпозиумҳо ва семинарҳои илмӣ, автореферат ва диссертатсияҳо оид ба масъалаи таҳқиқшаванда мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамад истифода карда, бо такя ба маводи бойгонӣ масъалаҳои мубрами таҳқиқотро муайян намудааст. Бунёд ва мукаммал намудани таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) дар ҷумҳурӣ муайян карда, мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додааст. Яке аз дастовардҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар он ба таври маҷмӯавӣ бартарӣ ва камбудиҳои сиёсати муҳоҷиркунониро дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон ошкор шудааст. Вазъияти муҳоҷиркунонӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Алоқамандии мавзуи рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии рисола**. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи фаъолияти чандинсола буда, мазмуну мундариҷаи онро 6 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи

Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, инъикос мекунанд.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДБ ба номи Носири Хусрав ва дар маводҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ мунташир гардидаанд. Дар ин мақолаҳои илмӣ таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар яке аз вилоятҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 1924-1991 маълумотҳои нодир додаанд

## МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ ВА ХУЛОСАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

1. **Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шудаанд:**

**[1-М]. Садбарги Исо**. Социально-бытовые и культурные изменения в жизни покорителей целины / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №8. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2021 – С.40-48.

**[2-М]. Садбарги Исо.** Ҷалби маҷбурии сокинони ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Кӯлоб (с.1940-1960) / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Паёми ДМТ. – №11. – Қ.2. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2023 – С.62-67.

**[3-М]. Садбарги Исо.** Таъсис додани хоҷагиҳои муҳоҷиршуда дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 20-80-уми асри XX / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Паёми ДМТ. – №12. – Қ.2. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2023 – С.50-54.

**[4-М]. Садбарги Исо.** Таърихи муҳоҷиркунӣ аз ноҳияҳои куҳӣ ва наздикуҳии вилояти Кӯлоб ба мавзеъҳои водии минтақа / Садбарги Исо //

Паёми ДМТ. – №5. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2024 – С.68-72.

**[5-М]. Садбарги Исо.** Зарурати таърихии амалӣ гардидани чорабиниҳои муҳоҷиршавӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоб / Садбарги Исо // Паёми ДМТ. – №6. – Қ.1. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2024. – С.51-56.

**[6-М]. Садбарги Исо.** Зарурияти таърихии тайёр кардани мутахассисони хоҷагии қишлоқ барои вилояти Кӯлоби Тоҷикистон (солҳои 1930 - 1950) // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ). – № 2 (109). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2024. – С.247-251.

2. **Мақолаҳое, ки дар конференсияҳо ва симпозиумҳо чоп гардидаанд:**

**[7-М]. Садбарги Исо.** Освещение проблемы ирригации и освоения целинных земель центральных и южных районов Таджикистана в исторических трудах отечественных ученых (60-80-е годы XX века) / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Нақши Қаҳрамони Тоҷикистон Ширииншоҳ Шоҳтемур дар таҳкими давлатдории миллӣ”, ДАТ ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур, ш. Душанбе. – 2018. – 9-10 февр. – С.265-272.

**[8-М]. Садбарги Исо.** Анализ состояние и строительство Кызылсу-Яхсуйской и Пархаро-Чубекской оросительных систем (20-е-60-е гг. XX в.) / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Материалы научно-теоретической международной конференции “Роль и значение наследия Абубакра Мухаммада Ибн Закарийа Ар-Рази для средневекового мира и современной цивилизации”, КТГУ им. Носира Хусрава, г. Курган-Тюбе. – 2016. – 19 нояб. – С.273-277.

**[9-М]. Садбарги Исо.** Вклад Джаббора Расулова в развитии мелиорации, ирригации и освоении новых земель центральных и южных районов Таджикистана (1961-1982 гг.) / Садбарги Исо // Вестник КТГУ им. Носира Хусрава. Серия общественных наук. – 2017. – №1/1(43). – С.50-61.

**[10-М]. Садбарги Исо.** Патриотизм таджиков при строительстве Пархаро-Чубекской оросительной системы / Садбарги Исо, Наботов Ф.С. // Материалы международной научно-практической конференции "Использование краеведческих материалов как способ воспитания национальной гордости и любви к Родине в процессе исследования и изучение учебных предметов в средних общеобразовательных школах и высших учебных заведениях", БГУ им. Носира Хусрава, г. Бохтар. – 2018. – 19-20 окт. – С.169-180.

**[11-М]. Садбарги Исо.** Развитие строительства Пархаро-Чубекской оросительной системы и ее народно-хозяйственное значение / Садбарги Исо // Вестник БГУ им. Носира Хусрава. Серия общественных наук. – 2019. – №3/3(67). – С.64-71.

**[12-М]. Садбарги Исо.** Аҳамияти иқтисодиву сиёсии шабакаи обёрии Фархору Чӯбек / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Маводи конференсияи факултетии илмӣ-назариявӣ зери унвони "Ҷавонон ва пешрафти илмию техникӣ" бахшида ба 22-солагии Ваҳдати миллӣ ва Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон,факултети таърих ва ҳуқуқи ДДБ ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар. – 2019. – 23 май. – С.49-54.

**[13-М]. Садбарги Исо.** Осуществление переселенческих мероприятий и освоение новых земель в Кулябской зоне Хатлонской области / Садбарги Исо // Вестник БГУ им. Носира Хусрава. Серия общественных наук. – 2020. – №3/3(67). – С.51-57.

**[14-М]. Садбарги Исо.** Историческое значение строительства Пархаро-Чубекской оросительной системы / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Материалы научно-практической международной конференции "V – е Артучевские чтения", посвященной «Актуальным вопросам филологических, социально-гуманитарных и естественных наук в современное время», 4-6 июля 2023 г. в Таджикском педагогическом институте в г. Пенджикент. – С.702-708.

**[15-М]. Садбарги Исо.** Вклад Бубнова М.А. в исследованиях горных регионов Таджикистана / Садбарги Исо, Абдуназарова М.Х. // Международный научно-практический журнал «Endless Light in Science» Международного исследовательского центра «Endless Light in Science», 25.06.2023. – С.1020-1024.

**[16-М]. Садбарги Исо.** Культурно-бытовые условия переселенческих хозяйств / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Международный научно-практический журнал «Endless Light in Science» Международного исследовательского центра «Endless Light in Science». – 2024. – 26 февр. – С.175-184.

**[17-М]. Садбарги Исо.** Натиҷаҳои таърихии муҳоҷиркунӣ ба ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон (солҳои 20-30-юми асри XX) / Садбарги Исо, Ирматова Ш. // Международный научно-практический журнал «Endless Light in Science» Международного исследовательского центра «Endless Light in Science». – 2024. – 26 февр. – С.170-175.

**[18-М]. Садбарги Исо**. Аз таърихи муҳоҷиркунӣ аз ноҳияҳои куҳӣ ва наздикуҳии вилояти Кӯлоб ба мавзеъҳои водии минтақа / Садбарги Исо // Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалии “Хонишҳои VI – уми Артуч” бахшида ба “Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир”, 4-6 июли соли 2024 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Ҷилди II. – С.199-206.

Ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қарор мекунад:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ чун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №295, аз 26.06.2023 оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ барои ҳимоя пешниҳод гардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 16 нафар;

«Зид» - нест;

«Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №8 аз 20 феврали соли 2025.

Раисикунанда:
н.и.т., мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав Мирзоев Ғ.Ш.
Котиб:
ассистенти кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав Қурбонова М.

Имзоҳои Мирзоев Ғ.Ш. ва Қурбонова М. - ро
тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

**Нишонӣ**: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,
тел.: 2-23-64, 2-22-53, www.ktsu.tj,
почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru